Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. –192 саҳ.).

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда. Диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад ҳамчун таҳқиқоти илмии анҷомёфта аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ равона шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Ташкилу гузаронидани интихобот масъалаи мубрам буда, меҳвари асосии онро бунёди давлати соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, демократӣ ва ягона ташкил медиҳад. Гузаронидани ислоҳотҳои давлатӣ дар мавриди бунёди унсурҳои демократии ҳокимият шарти муҳим мебошад. Ҳалли онҳо бо гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ вобастагии амиқ дошта, натиҷаҳои он дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар назаррас мебошад.

Вобаста ба ин, муаллиф қайд менамояд, ки бо касби истиқлоли давлатӣ падидаи интихобот ва низоми интихобот рушд намуда, он қадаме дар роҳи эъмори давлати ҳуқуқбунёду демократӣ таъсири амиқи худро гузошт. Дар баробари ин интихобот ва усулҳои гузаронидани он натанҳо мавзуи гуфтугӯи ошкорои олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ, балки он объекти омӯзиши илмҳои сиёсатшиносию сотсиология ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ гардид. Аз тарафи дигар ба масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ, ҳамчун заминаи бунёдӣ ва ташаккули мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ гардид. Дар ин давра бо қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба объекти танзимнамоии он табдил ёфт.

Метавон гуфт, муаллиф дар баррасии ҳамаҷонибаи раванди интихоботӣ аз роҳи мухталифи илмӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, андешаҳои мухталифи олимони дохилию хориҷиро таҳлил намуда, пешниҳодҳои илмии худро дар рисола ба таври назаррас нишон додааст. Ҳамзамон дар рисола қонунгузории интихоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, натиҷаҳои амалии он дар муқаддимаи рисолаи номзадӣ ва хулосаи кор ба таври низомнок нишон дода шудааст.

Рисолаи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда ва интишороти муаллиф иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми диссертатсия 192 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад аз ҷиҳати илмӣ дар он ифода меёбад, ки раванди интихоботӣ бори нахуст мавриди таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ қарор дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф баён шуда, бо

мақсади устувор намудани низоми қонунгузории интихоботӣ равона шудаанд.

Муаллиф таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ҳаматарафа таҳлил намуда, мақсадҳои дар назди худ гузоштаро пурра иҷро намуда, он дар нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш инъикос ёфтааст. Ҳамзамон аз мазмуни диссертатсия бармеояд, ки дар навиштани он аз сарчашмаҳои муътамади таърихию қонунгузорӣ истифода намуда, онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти илмиро таъмин менамоянд.

Дар муқаддима мубраммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, мавзуъ, объект, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон, тавсифи натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, масъалаҳои мафҳум, усулҳо ва марҳилаҳои раванди интихоботро фаро мегирад. Боби мазкур аз се зербоб иборат буда, ба мазмуну моҳият ва таъиноти раванди интихоботӣ мувофиқ мебошад.

Зербоби якум «Мафҳум ва масъалаҳои назариявии раванди интихоботӣ» ном дошта, мувофиқи он муаллиф диққати асосиро ба масъалаҳои мафҳум, мақсад, вазифа ва таъиноти раванди интихоботӣ бахшида, ҷойгоҳи онро дар ташаккули падидаҳои конститутсионӣ, аз ҷумла падидаи интихобот аҳаммиятнок медонад.

Аз таҳлили диссертатсия бармеояд, ки муаллиф дар таҳқиқоти худ масъалаҳои “интихобот”, “маъракаи интихоботӣ” ва махсусан “раванди интихоботи”-ро мавриди пажӯҳиш ва таҳлил қарор дода, мавқеи онҳоро дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва раванди ташкилу гузаронидани интихобот муҳим арзёбӣ намудааст. Ҳамзамон таъкид менамояд, ки

таносуби илмӣ ва амалии он дар соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории интихоботӣ муайян карда шавад. Дар баробари ин қайд менамояд, ки таносуби илмию амалии категорияҳои номбурда дар сурати муайяннамоии мафҳуми муаллифии онҳо имконпазир мегардад.

Зербоби дуюми боби аввал «Табиати ҳуқуқии усулҳои раванди интихоботӣ» ном дошта, дар он мафҳуми принсип ва усулҳои гузаронидани интихобот мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, зарурати истифодаи онро дар илми ҳуқуқшиносӣ муҳим мешуморад. Дар ин бобат андешаҳои зиёди олимонро ба назар гирифта, истифодаи яке аз ин воситаҳоро дар ташкилу гузаронидани интихобот мувофиқ медонад. Барои ба раванди интихоботӣ созгор омадани онҳо зарурати таҳлили амиқи онро зикр намуда, таъкид менамояд, ки хусусиятҳои амалии онро бояд донист. Баъдан истифодаи самараноки онро дарк намуда, барои рушди қонунгузории интихоботӣ таҳияи онро мувофиқ мешуморад.

Муаллиф истифодаи ҳам принсип ва ҳам усулҳоро дар ташаккули илми соҳаи ҳуқуқшиносӣ муҳим шуморида, истифодаи усулро дар раванди ташкилу гузаронидани интихобот афзалтар медонад. Принсипро асосҳои роҳбарикунандае меҳисобад, ки он бо ҳуқуқи субъективии шахс оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба мансабҳои интихобии мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ба миён меояд. Усул бошад моҳияти амалан татбиқи ҳуқуқи субъективии шаҳрванд оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ва дигар субъектони раванди интихоботӣ мебошад, ки дар ҳамаи марҳилаҳои раванди интихоботӣ ба сифатҳои гуногун иштирок намуда, амалҳои ҳуқуқии бо қонун муқарраршударо амалӣ менамоянд, ифода мегардад.

Дар зербоби сеюми боби мазкур «Марҳилаҳои раванди интихоботӣ» баррасӣ шуда, дар доираи он мафҳуму моҳият ва шумораи давраҳои раванди интихобтӣ муайян карда шудааст. Марҳила унсури асосӣ буда, дар доираи он амалҳои интихоботӣ сурат мегиранд. Бе

марҳилаҳои раванди интихоботӣ баргузории интихобот ғайриимкон мегардад.

Муаллиф дар хусуси марҳилаҳои раванди интихоботӣ адабиётҳои зиёди ҳуқуқиро баррасӣ намуда, дар таҳия ва муайяннамоии марҳилаҳои ин фаъолият андешаҳои худро баён намуда, онҳоро аз рӯйи мазмун ва таъиноташон таснифбандӣ намудааст.

Дар маҷмуъ марҳилаҳои раванди интихоботиро ба се марҳилаи асосӣ тақсим намуда, ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор дода ва махсус қайд менамояд, ки марҳилаҳои мазкур аз зермарҳилаҳо иборат мебошад.

Боби дуюми рисола «Вижагиҳои хоси вазъи ҳуқуқии субъектони раванди интихоботӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон» ном дошта, аз чор зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюмро «Мафҳум ва таснифи субъектони раванди интихоботӣ» номгузорӣ карда, дар он мафҳум ва таснифоти субъектони раванди интихоботӣ ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Бе мавҷудияти субъект ташкилу гузаронидани интихоботро ғайриимкон шумурда, баргузории онро бо иштирокчиёни тибқи қонун пешбинишуда созгор меҳисобад.

Ба ақидаи ӯ субъект унсури муҳимми раванди интихоботӣ бо нақш ва мавҷудияти онҳо интихобот баргузор мегардад ва раванди онро комил мегардонад. Субъект дар раванди интихоботӣ бо сифатҳои гуногун ширкат варзида, ҳамчун механизми таъмини иарҳилаҳои раванди интихоботӣ баромад менамояд.

Ҳамзамон қайд менамояд, ки субъектони ҳуқуқи интихоботӣ аз раванди интихоботӣ ҷудо карда шуда, мавқеи онҳоро дар раванди интихоботӣ муайян намудан шарти муҳим мебошад. Зеро, муайяннамоии субъектони раванди интихоботӣ дар илм ва таҷрибаи баргузории интихобот мушкилоти дар ин самт мавҷудбударо аз байн мебарад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «Махсусияти вазъи ҳуқуқии субъектони инфиродии раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди омӯзиш қарор дода, тибқи он масъалаҳои махсусияти вазъи ҳуқуқии субъектони инфиродии раванди интихоботӣ ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст. Аз таҳлили рисола бармеояд муаллиф ҳар як иштирокчии раванди интихоботиро дар алоҳидагӣ баррасӣ намуда, вазъи ҳуқуқии онҳоро дар раванди интихобот ё тавассути иштироки онҳо дар марҳилаҳои ҳамдигарро ивазкунандаи тайёрӣ ва гузаронидани интихобот муайян намудааст.

Тибқи таҳлилҳои нишондодаи муаллиф субъекти асосӣ шаҳрванд ба шумор меравад, ки дар ҷараёни гузаронидани интихобот бо сифатҳои шахсии гуногун иштирок намуда, барандаи асосии ҳуқуқу уҳдадориҳои интихоботӣ мебошад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм «Нақши комиссияҳои интихобот дар раванди интихоботӣ» мавриди омӯзиш қарор гирифта, муаллиф дар он фаъолияти комиссияҳои интихоботро асоси таъмини раванди интихоботӣ номида, иштироки онҳоро дар ин ҷараён муҳим мешуморад. Қайд менамояд, ки баъд аз таъини интихоботи мансабҳои интихобӣ ва мақомоти интихоботии намояндагӣ кори минбаъдаи ташкилу гузаронидани интихобот ба зиммаи комиссияҳои интихоботӣ мебошад. Ба андешаи ӯ самаранокии раванди интихоботӣ аз фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ вобастагии амиқ дорад.

Дар робита ба ин низоми комиссияҳои интихоботиро таснифбандӣ намуда, дар миёни онҳо Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро махсус нишон дода, тобеияти ҳокимиятии онро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Ба ин ё он шохаи ҳокимияти давлатӣ шомил нашудани мақоми мазкурро тарзи демократии баргузории интихобот ва таъмини беғаразонаи маъракаи интихобтӣ меҳисобад.

Зербоби чоруми боби дуюмро «Масоили иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ» ном гузошта, нақши онҳоро дар ташаккули ҳокимияти давлатӣ арзишманд нишон додааст.

Ҳизбҳои сиёсиро аз ҷумлаи субъектоне ном бурдааст, ки дар пешбарии номзадҳо ба мансабҳои интихобӣ ва вакилии мақомоти намояндагӣ нақши бештар дорад. Ҳамзамон ҳизбҳои сиёсиро унсури зарурии механизми амалинамоии ҳокимияти халқ нишон додааст.

Васоити ахбори оммаро бошад инъикосгарӣ асосии раванди интихоботӣ ҳисобида, бе мавҷудияти он иштироки шаҳрвандон дар маъракаи интихоботӣ низ комил намегардад. Танҳо шаҳрвандон аз тариқи васоити ахбори омма метавонанд дар бораи таъини интихобот ва дигар марҳилаҳои раванди интихоботӣ маълумот пайдо намоянд. Ҳамзамон қайд менамояд, ки ВАО усули асосии таъмини иштироки шаҳрвандон баромад менамояд. Дар баробари ин воситаи баланд бардоштани фарҳанги сиёсю ҳуқуқии шаҳрвандон меҳисобад. Бо тарзи дигар воситаҳои ахбори омма ба татбиқи усули ошкорбаёнӣ дар давраҳои интихоботӣ мусоидат намуда, воқеиятро дар ин раванд инъикос менамояд, ишора намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Метавон қайд намуд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ воқеъбинона буда, ҳамаи он дар заминаи пажӯҳиши адабиёти зиёди илмӣ ва қонунгузории интихоботӣ ба миён омадаанд. Асоснокии онҳо дар пажӯҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни раванди интихоботӣ нишон дода шуда, дар он мафҳумҳо, табиати ҳуқуқӣ, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва роҳҳои такмили меъёрҳо оид ба падидаи мазкур, асос меёбанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулаҳадзода С.А. аҳаммияти баланди

илмӣ ва амалӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои онро метавон дар ташаккули мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ истифода намуд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули падидаи мазкур, табиати ҳуқуқӣ ва мавқеи он дар ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки нуқтаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ истифода намуд. Ҳамзамон натиҷаҳои рисоларо бошад дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Ҳуқуқи интихоботӣ» ва ҳангоми навиштани рисолаҳои номзадию магистрӣ истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти асосии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Интишороти асосии муаллиф 10 мақоларо фаро гирифта, 6 мақолаи илмии он дар маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд. Теъдоди маводи нашршуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааast, мувофиқ мебошад.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.** Дар баробари хамаи муваффақиятҳои дар диссертатсия мавҷудбуда, масъалаҳоеро метавон ном бурд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф дар зербоби 2.3. пешниҳод менамояд, ки ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оид ба баргузории интихобот ва раъйпурсӣ дода шавад. Дар иртибот бо ин мехоҳем фаҳмем, ки додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба мақоми

мазкур ба сатҳи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ чи гуна метавонад самаранокиро таъмин намояд.

2. Яке аз масъалаҳое, ки дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардидааст, ин нақш ва мақоми воситаҳои ахбори омма дар раванди интихобот мебошад. Таҳлили масъалаҳои вобаста ба он дар диссертатсия ҷойдошта нишон медиҳад, ки хусусиятҳои хос ва муҳиммияти иштироки воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ ба таври мушаххас муайян нагардидааст. Бинобар ҳамин, андешаҳои муаллифро роҷеъ ба масъалаи мазкур мехоҳем фаҳмем.

Андешаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад ба талаботи банди 31 ва 33 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ, натиҷа ва нуқтаҳои нави илмӣ мебошад.

Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад

сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд Бобоев А.

**Имзои Бобоев А.Х.**-ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба ҳайати кадрии
раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Тӯйчиева С.Б.
25.11.2024

Суроғаи муқарриз: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. Email: Info@tsulbp.tj, Email: tsulbp@rambler.ru; Тел:+992(3422)2-38-11; Факс:+992(3422)2-51-70.